УДК-338(575.3)
ББК-65.9(5) 304.25

# ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ ВОРИДОТИВАЗКУНИИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА (ДАР МИСОЛИ ВИЛОЯТИ СУҒД

***Исломова Мунзифа Абдуллоевна*** - *ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, e-mail: munzifahonislomova@gmail.com*

# РЕАЛИЗАЦИЯ СТРАТЕГИИ ИМПОРТОЗАМЕЩЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ И ЭКОНОМИКИ РЕГИОНА (НА МАТЕРИАЛАХ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

***Исломова Мунзифа Абдуллоевна*** - *ассистент кафедры экономической теории ХГУ имени академика Б.Гафурова (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: munzifahonislomova@gmail.com*

# IMPLEMENTATION OF THE STRATEGY OF IMPORT SUBSTITUTION OF FOOD PRODUCTS IN THE REGIONAL ECONOMY (ON THE EXAMPLE OF SUGHD REGION)

***Islomova Munzifa Abdulloeva*** - *Assistant at the Department of Economic Theory SEI «Khujand State University named after academician B.G.Gafurov» (Tajikistan Republic, Khujand), e-mail: munzifahonislomova@gmail.com*

***Вожаҳои калидӣ:*** *воридотивазкунанда, маҳсулоти озуқаворӣ, хоҷагидорӣ, истеҳсолот, рақобатпазирӣ, савдои байналмиллалӣ.*

*Дар мақолаи мазкур табиати воридотивазкунӣ ба воситаи омӯзиши муносибатҳои мухталифи назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Таҳқиқот нишон дод, ки новобаста ба муносибатҳои зиёд доир ба муайян намудани табиати воридотивазкунӣ, то ҳол байни олимон-иқтисодчиён муносибати ягонаи умумӣ вуҷуд надорад. Дар доираи мақола муайян карда шуд, ки воридотивазкунӣ бо худ ҷараёни тараққиёти истеҳсолоти дохилии рақобатпазирро бо мақсади иваз намудани маҳсулоти воридотӣ бо маҳсулоти ватанӣ дар назар дошта мешавад. Бо баробари ин ҳангоми ивазкунии воридот, фоиданокии он низ ба инобат гирифта мешавад. Ин хислати воридотивазкунӣ пеш аз ҳама ба маҳсулоти озуқаворӣ мансуб мебошад. Бо дарназардошти назарияи омилҳои истеҳсолот воридотивазкунӣ дар ҳолате фоиданок мегардад, ки агар барои итсеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридот захираҳои зарурӣ дар ҳаҷми кофӣ мавҷуд бошанд. Азбаски маҳсулоти озуқаворӣ ба категорияи маҳсулотҳои стратегӣ дохил мешавад, зеро аз рӯи истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ бехатарии иқтисодӣ ва миллӣ дар умум муайян карда мешаванд. Бинобар ҳамин воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ мувофиқи мақсад буда, метавонад мустаҳкамии иқтисодии кишварро боз ҳам пурзӯртар намояд.*

***Ключевые слова:*** *импортозамещение, продовольственная продукция, сельское хозяйство, производство, конкурентоспособность, международная торговля.*

*В данной статье исследуется характер импортозамещения посредством изучения различных теоретических отношений. Исследование показало, что несмотря на многочисленные отношения по определению природы импортозамещения, между учеными-экономистами пока нет единого общего мнения. В рамках статьи было установлено, что импортозамещение подразумевает процесс развития конкурентоспособного внутреннего производства с целью замены импортной продукции отечественной. Наряду с этим, при импортозамещении учитывается и его полезность. Это свойство импортозамещения относится прежде всего к продуктам питания. С учетом теории факторов производства импортозамещение становится выгодным, если для производства импортозамещающих товаров имеются необходимые ресурсы в достаточном объеме. Так как продукты питания относятся к категории стратегических, по производству продуктов питания определяется экономическая и национальная безопасность, в целом. В связи с этим, импорт*

*продовольственной продукции является целесообразным и может еще больше усилить экономическую мощь страны.*

***Key words:*** *import substitution, food products, agriculture, production, competitiveness, international trade.*

*This article investigated the nature of import substitution by studying various theoretical relations. The investigates showed that despite numerous relationships to determine the nature of import substitution, there is no single common relationship between economic scientists. Within the framework of the article, it was established that import substitution implies the process of developing competitive domestic production in order to replace imported domestic products. Along with this, import substitution takes into account its usefulness. This property of import substitution applies primarily to food. Taking into account the theory of factors of production, import substitution becomes profitable sufficient resources are available for the production of import-substituting goods. Since food products belong to the category of strategic products, since food production determines economic and national security in general. In this regard, the import of food products is appropriate and can further strengthen the economic power of the country.*

Дар мақолаи мазкур табиати воридотивазкунӣ ба воситаи омӯзиши муносибатҳои мухталифи назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Таҳқиқот нишон дод, ки новобаста ба муносибатҳои зиёд доир ба муайян намудани табиати воридотивазкунӣ, то ҳол байни олимон-иқтисодчиён муносибати ягонаи умумӣ вуҷуд надорад. Дар доираи мақола муайян карда шуд, ки воридотивазкунӣ бо худ ҷараёни тараққиёти истеҳсолоти дохилии рақобатпазирро бо мақсади иваз намудани маҳсулоти воридотӣ бо маҳсулоти ватанӣ дар назар дошта мешавад. Бо баробари ин ҳангоми ивазкунии воридот, фоиданокии он низ ба инобат гирифта мешавад. Ин хислати воридотивазкунӣ пеш аз ҳама ба маҳсулоти озуқаворӣ мансуб мебошад. Бо дарназардошти назарияи омилҳои истеҳсолот воридотивазкунӣ дар ҳолате фоиданок мегардад, ки агар барои итсеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридот захираҳои зарурӣ дар ҳаҷми кофӣ мавҷуд бошанд. Азбаски маҳсулоти озуқаворӣ ба категорияи маҳсулотҳои стратегӣ дохил мешавад, зеро аз рӯи истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ бехатарии иқтисодӣ ва миллӣ дар умум муайян карда мешаванд. Бинобар ҳамин воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ мувофиқи мақсад буда, метавонад мустаҳкамии иқтисодии кишварро боз ҳам пурзӯртар намояд.

Дигаргуншавии вазъияти муносибатҳои берунииқтисодӣ дар шароити муосири тағйиротҳои назаррас дар хоҷагии ҷаҳонӣ, зарурати татбиқи сиёсати воирдотивазкунандаро ҳамчун мақсади таъмини бехатарии озуқаворӣ дар асоси афзоиши истеҳсолоти ватанӣ ба миён меорад. Воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ, баланд намудани дараҷаи дастрасии он, коҳишёбии вобастагӣ аз воридоти озуқаворӣ самти афзалиятноки тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат баромад мекунад.

Дар аксар ҳолат коҳишёбии назарраси вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти озуқаворӣ вазъияти воқеъии худтаъминкуниро аз рӯи маҳсулотҳои алоҳида ба инобат гирифта наметавонад. Яъне нишондодҳои дараҷаи вобастагӣ аз воридот одатан бо вазъияти ҳақиқӣ мутобиқат намекунад. Дар ҳақиқат дараҷаи вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти озуқаворӣ дар сатҳи баланд қарор дорад, ки бо ҳиссаи баланди маҳсулоти воридотӣ дар ҷодаи техника ва технологияи ҷараёни истеҳсолӣ муқаррар карда мешавад. Дар аксар ҳолат дар адабиёти иқтисодӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ танҳо аз ҷиҳати миқдор вобаста ба гурӯҳҳои алоҳидаи молҳо мушоҳида карда мешавад.

Бинобар ҳамин дар ҷодаи стратегияи воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ, пеш аз ҳама такомули назарияи воридотивазкунии озуқаворӣ вобаста ба шароитҳои муосири хоҷагидорӣ ба мадди аввал мегузарад. То ҳол бисёр масъалаҳои асосӣ вобаста ба воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ ҳалли пурраи худро наёфтаанд. Масалан,

механизми копмлексии воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ ба пуррагӣ коркард нашуда, таснифоти ҳадафҳо, самтҳо, фишангҳо, омилҳо, шароитҳо, оқибатҳо, самара ва натиҷаи ин ҷараён ба таври муфассал баён нашудаанд. Худи стратегияи воридотивазкунӣ дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ аз рӯи муддат ва сатҳи амалигардонӣ, инчунин аз рӯи натиҷаҳои пешбинишаванда дақиқ муқаррар карда нашудаанд. Нақшаҳои минтақавӣ оид ба воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ дар умум барномаҳои мақсаднокро оид ба афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулот бе дарназардошти асосноккунии назариявӣ ва амалии номгӯй ва сохтори молии истеҳсолоти маҳсулоти озуқаворӣ тавсиф карда мешаванд. Масъалаи таъминоти институтсионалӣ ва таъсиси шароитҳо барои татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ ҳалли худро ба пуррагӣ наёфтаанд. Инчунин дар ин радиф муносибатҳои методии баҳодиҳии комплексии самаранокии воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ ба таври возеҳ коркард нашудаанд, ки барои муайян намудани мақсаднокии амалигардонии онро дар ин ин ё он соҳаи истеҳсолот мушкил мегардонад. Бо баробари ин дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ҷараёни воридотивазкунӣ хислатҳои худро дорад. Фарқияти асосӣ дар истифодабарии механизмҳо, тарзҳо ва усулҳои татбиқ ифода меёбанд. Масъалаи воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ бо маҳсулоти ватанӣ масъалаи рақобатпазирии маҳсулоти озуқаворӣ баромад мекунад.

Масъалаи воридотивазкунӣ дар мудати дуру дароз мубрамии худро нигоҳ медорад. Ҷоиз ба қайд аст, ки муҳимияти ин масъала на танҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, инчунин барои дигар кишварҳо ниҳоят калон мебошад. Мисол, сиёсати протексионизмро барои татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар марҳилаҳои гуногун чунин кишварҳои пешрафтаи дунё ба монанди ИМА, Ҷопон, Олмон, Кореяи Ҷанубӣ, Хитой ва дигарон васеъ истифода бурдаанд, ки барои таъминоти эҳтиёҷоти дохилӣ дар асоси инкишофи истеҳсолоти ватанӣ кӯшиш ба харҷ додаанд. Дар кишварҳои хориҷӣ стратегияи воридотивазкунӣ ҳамчун “шакли озодшавӣ аз вобастагии мустамлика ва ё таъмини рушди ҷаҳишкунанда дар бозори ҷаҳонӣ” истифода шудааст [6].

Дар асри XX аксарияти кишварҳо ба стратегияи воридотивазкунӣ рӯ оварда буданд, алалхусус мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ, Осиё ва Африқо. Таҷрибаи кишварҳои алоҳидаи Амрикои Лотинӣ аз тарафи аксарияти таҳқиқотчиён номуваффақона баҳогузорӣ карда мешавад, зеро басташавии сарҳадҳо ба коҳишёбии суръати рушд ва бӯҳрони калон сабаб шуданд. Дар аксарияти кишварҳои дунё нисбат ба мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ бисёр давлатҳо дар амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд. Алалхусус татбиқи муваффақонаи сиёсати воридотивазкунӣ дар кишварҳои Осиё, пеш аз ҳама дар Хитой, Кореяи Ҷанубӣ, Малайзия, Индонезия, Таиланд ва Ҳиндустон ба назар расида буд. Дар росто кишварҳои Бразилия, Чили, Мексика ва Туркияро низ номбар кардан мумкин аст. Дар ин кишварҳо натиҷаи татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ рушди иқтисодиёти миллӣ баромад кард, ки ба нишондодҳои мамлакатҳои ғарб аз рӯи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ наздик шуданд.

Воридотивазкунӣ ҳамчун ҷараён ва категорияи иқтисодӣ мушоҳида шуданаш мумкин аст. Воридотивазкунӣ ҳамчун ҷараён дар ҳолате ба назар мерасад, ки агар афзоиши истеҳсолоти дохилии ба коҳишдиҳии молҳои хориҷӣ аз бозори дохилӣ ба миён ояд. Воридотивазкунӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ пеш аз ҳама ҳамчун объекти дарки илмӣ баромад менамояд, ки бо муносибати назариявӣ-методологӣ ба таҳқиқи он тавсиф карда шуда, ташаккули мафҳуми нав ва таркиби категорияро тақозо менамояд.

Олимони рус Суханова И.Ф. ва Лявина М.Ю. “воридотивазкунии маҳсулоти озуқавориро ҳамчун ҷараёни дорои хислати муқаррарӣ ва ё сунъи мушоҳида мекунанд” [14; С. 94–96]. Дар ҳолати муқаррарӣ воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ ба коҳишёбии маҳсулоти воридотӣ аз ҳисоби ивазшавии маҳсулоти хориҷӣ ба ватанӣ дар асоси мубориза рақибона ба миён меояд. Яъне амал намудани механизми бозорӣ

имкон медиҳад, ки интихоби муқаррарии молистеҳсолкунандагони самаранок таъмин карда шавад. Чунин ҳолат ҳангоми рақобатпазирии баланди маҳсулоти ватанӣ нисбат ба маҳсулоти хориҷии воридотӣ ба миён меояд. Дар ҳолати воридотивазкунии сунъии маҳсулоти озуқаворӣ коҳишёбии маҳсулоти воридотӣ аз ҳисоби ҷорӣ намудани монеъаҳои маъмурӣ ва маҳдудиятҳои савдои беруна ба миён меояд, ки рақобатро барои молистеҳсолкунандагони хориҷӣ маҳдуд мекунад. Бо ҳамин тарз озодшавии бозори дохилӣ барои истеҳсолкунандагони ватанӣ ба миён омада, дар назди онҳо масъалаи пурра намудани норасогии маҳсулоти озуқаворӣ дар бозори дохилӣ ба миён меояд.

Бинобар ҳамин мушоҳида намудани воридотивазкуни бо дарназардошти ҳалли зиддияти принсипҳои умумии савдои байналмилалӣ ба миён меояд, ки манфиатҳои ҳамаи кишварҳоро аз амалӣ намудани фаъолияти беруниқтисодӣ ва татбиқи протексионизми бозори дохилӣ, ки озодии савдоро маҳдуд менамояд, зарур ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳама зиддиятҳои ҷараёни воридотивазкуниро мумкин аст ба ду гурӯҳ ҷудо намоем: беруна ва дохилӣ. Ба гурӯҳи берунаи зиддиятҳо дохил мешаванд:

- байни истеҳсоли маҳсулот ва шароити амал намудани манъкунии озуқаворӣ ва муносибатҳои назарияи афзалиятҳои муқоисавии савдои байналмилалӣ;
- байни протексионизми бозори дохилӣ ва инкишофи таҳаввулии иқтисодиёти ҷаҳонӣ;
- байни манфиатҳои миллӣ ва манфиатҳои корпоратсияи трансмиллии калон, ки бозори байналмилалии озуқавориро монополизатсия кардаанд;
- байни шиддатёбии ҷараёни ҷаҳонишавӣ ва имкон надоштани ҳамроҳшавии корхонаҳои ватанӣ ба занҷираҳои технологии глобалии истеҳсоли арзиши иловашуда;
- байни густариши тақсимоти байналмилалии меҳнат ва истифодабарии монеъаҳои зиёд дар ҷодаи савдои байналмилалӣ;
- байни принсипҳои савдои озод ва чораҳои маҷбурсозии берунииқтисодӣ;

Назарияи афзалиятҳои муқоисавии савдои байналмилалӣ махсусгардонӣ ва тараққиёти намудҳои самараноки истеҳсолотро дар мамлакат бо дарназардошти мубодилаи молӣ дар оянда, дар назар дорад. Чунин муносибат ба тараққиёти иқтисодиёти миллӣ бо баробари як қатор афзалиятҳо, якчанд норсагоиҳо низ дорад. Ҷоиз ба қайд аст, ки ин ҳолат ба афзоиши вобастагии истеҳсолоти миллӣ аз вазъияти беруниқтисодӣ ва берунисиёсӣ пайдо менамояд. Ин мушкилӣ бештар дар давраи номӯътадилии макроиқтисодӣ дар кишварҳои тараққикардаистода эҳсос карда мешавад. Махсусан дар ҳолати ба таври кофӣ молиягузорӣ накардани соҳаи аграрӣ, мустақилияти озуқаворӣ аз рӯи молҳои алоҳида коҳиш ёфта, аз сабаби тобовар нашудан ба рақобати бозорӣ бо истеҳсолкунандагони хориҷӣ, молистеҳсолкунандони ватанӣ маҷбур мешаванд бозорро тарк намоянд.

Пӯшида нест, ки стратегияи воридотивазкунанда бо дараҷаи муайян протексионизми бозори дохилиро дар назар дорад. Дар навбати худ протексионизми бозори дохилӣ бо тараққиёти таҳаввулии иқтисодиёти ҷаҳонӣ зиддият пайдо мекунад, ки бо коҳишёбии инкишофи ҳамкориҳои ҳамгироӣ, истифодашавии афзалиятҳои тақсимоти байналмилалии меҳнат дар савдои беруна тавсиф карда мешаванд. Истифодашавии тӯлонии протексионизм, оқибат ба коҳишёбии рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ, пастшавии сифати маҳсулот, инчунин ба баландшавии нархҳо дар бозори дохилӣ ва дигар ҳолатҳо оварда мерасонад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки татбиқи воридотивазкунӣ бо истифода аз чораҳои маъмурӣ бо озодшавии реҷаи савдои озод, дастрасии бозорҳои сатҳи гуногун, аз он ҷумла дар чорчӯбаи Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС), имкониятҳои истифодабарии афзалиятҳои тақсимоти байналмилалии меҳнат ва коҳишёбии хароҷот ва дигарҳои зиддият дорад.

Ба ғайр аз зиддиятҳои беруна, ҷараёни воридотивазкунӣ зиддиятҳои дохилӣ низ дорад. Зиддияти якум, байни зарурати тахминоти бехатарии озуқаворӣ аз ҳисоби афзоиши бисёркаратаи истеҳсолоти маҳсулоти озуқаворӣ ва арзиши воридотивазкунӣ. Маълум аст, ки диверсификатсияи маҷбурии сохтори алоқаҳои берунииқтисодӣ ба афзоиши ногузири нархҳо ва коҳишёбии даромадҳои ихтиёрии аҳолӣ оварда мерасонад. Дар марҳилаи аввали воридотивазкунӣ чунин ҳолат ба коҳишёбии маҷмӯи талабот барои маҳсулоти озуқаворӣи нисбатан гаронарзиш сабаб мегардад.

Дуюм зиддият, байни қарорҳои сиёсати беруна ва номукаммалии механизми ташкилӣ-иқтисодии воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ. Ҳадафҳои воридотивазкунанда барои намудҳои алоҳидаи маҳсулоти озуқаворӣ дар дурнамои кӯтоҳмуддат дастрас нашуда метавонанд. Алалхусус, аз сабаби мавҷуд набудани пояи моддӣ-техникӣ ва қарорҳои муҳими технологӣ, нокифоягии дастгирии давлат ва самаранокии пасти пешкаш намудани онҳо ва хароҷоти баланди истеҳсолкунандагони ватанӣ. Бо баробари ин дастрасии ҳадафҳои пешбинишуда асосан аз рӯи гурӯҳҳои молҳо бедарназардошти коҳишёбии дараҷаи вобастагии истеҳсолӣ ва технологӣ баҳогузорӣ карда мешаванд.

Шарти умумии бартарафсозии зиддиятҳои муқарраргардида, дарки табиати воридотивазкунанда ба ҳисоб меравад. Аз рӯи таълимоти гнесеологӣ, категорияҳои моҳият ва таркиби мафҳумҳо сатҳҳои гуногуни дарки илмии воқеъияти иқтисодиро ифода менамоянд. Моҳияти табиати мафҳум маънои ҳаматарафа, асоси дохилии онро ифода менамояд. Моҳият алоқаҳои сабабӣ-оқибатиро ифода карда, доимӣ мебошанд ва вобаста ба шароитҳои беруна, омилҳо, ҷараёнҳо тағйир намеёбанд [14; С.95]. Аз ин лиҳоз моҳият ва табиати воридотивазкунӣ дар алоқаҳои сабабӣ-оқибатии байни таъсисдиҳии истеҳсолоти ватании нав ва инкишофи истеҳсолоти мавҷудбуда ифода меёбад, ки пояи захиравии дохилӣ дошта бошад. “Вобаста ба дараҷаи таъсиррасонии омилҳои гуногун ва шароитҳои ба миён меомада, ҷараёни воридотивазкунанда шаклҳои аникро ифода карда, хусусиятҳои хоси худро нишон медиҳад ва ҳамзамон таркиби гуногуншаклии худро ифода менамояд” [14; С.95].

Инкишофи назарияи воридотивазкунӣ оғози худро аз ибтидои асри XIX мегирад. Ба фикри В. Байёр, марҳилаи воридотивазкуниро ҳама мамлакатҳо, ки саноатикунониро амалӣ кардаанд, гузаштаанд [17; С. 95-122]. Бо вуҷуди ин баҳодиҳии ягонаи самаранокии воридотивазкунӣ вуҷуд надорад. Афзалиятҳои ҷорӣ намудани сиёсати иқтисодии мазкур барои саноат, хоҷагии қишлоқ, тандурустӣ ва савдои чакана асоснок карда шудаанд [19].

Ба шумораи маҳдуди корҳои ба мушкилии воридотивазкунанда бахшида шуда, тадқиқотҳои назариявӣ ва методологии гузаронидашуда асосан хислати фрагментарӣ доранд [22; С. 251-260]. Асосноккунии назариявии сиёсати воридотивазкуниро Ф. Лист коркард карда, дар тадқиқотҳои худ оид ба алоқамандии рушди иқтисодӣ ва пояи истеҳсолии ватанӣ диққат медиҳад, ки барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти бозори дохилӣ имконият фароҳам меоварад [18].

Аввалин кӯшишҳои коркарди принсипҳои стратегияи воридотивазкунӣ баъд аз Депрессияи Бузург амалӣ карда шуданд, зеро дар он давра аксарияти кишварҳо роҳҳои нави рушди иқтисодиро ҷустуҷӯ мекарданд. Саҳми арзандаро дар инкишофи назария ва амалияти воридотивазкунӣ иқтисодчии аргентинагӣ Р.Пребиш [21]. гузоштааст. Ба фикри ӯ ягона самти тараққиёти иқтисодиёти кишварҳои тараққикардаистода ин воридотивазкунӣ мебошад. Р. Пребиш ақидаеро пешниҳод намуд, ки мутобиқи он кишварҳои тараққикардаистода дар тараққиёти иқтисодӣ аз кишварҳои пешрафата аз сабаби вобастагии баланд доштан аз содироти ашёи хом ва воридоти маҳсулоти тайёр бо арзиши иловашудаи баланд, оқиб мондаанд. Ба тартиботи пойдоргардида саноатикунонии воридотивазкунанда баромад намуд, ки дар кишварҳои Амрикои Лотинӣ татбиқ карда мешуданд. Р. Пребиш ҳимояи соҳаҳои ҷавони саноатиро,

махсусан мошинасозиро ба воситаи дахолати фаъоли давлат ба иқтисодиёт ва маҳдудкунии воридот пешкаш менамуд.

Дар ташаккулёбии ҳолатҳои назариявии воридотивазкунӣ саҳми худро олими шведи Г.Мюрдал низ гузоштааст. Дар тадқиқотҳои худ, ӯ исбот намудааст, ки баландшавии сатҳи худтаъминкунии саноатӣ пояи асосии тараққиёти устувори иқтисодӣ буда, барои бартараф намудани оқибмонии минтақаҳои сусттараққикарда ҳатман давлат ба механизмҳои бозорӣ таъсир расонад [20].

Мутобиқи консепсияи пешниҳодгардида, воридотивазкунӣ ба иқтисодиёти давлатӣ аз ҳисоби хариди саҳмияҳо ва таъсиси монополияҳои давлатӣ дар соҳаҳои калидии иқтисодиёт мансуб дониста мешавад. Фишангҳои асосие, ки барои афзоиши истеҳсолоти дохилӣ истифода мешаванд ин пешкаш намудани қарзҳои арзон, квотакунонии воридот, танзими қурби асъор, назорати асъорӣ ва ғайраҳо баромад мекунад. Дар марҳилаи ибтидоии воридотивазкунӣ, ширкатҳои миллӣ афзалиятҳои зиёдеро ба даст оварда, маҳсулоти воридотиро коҳиш медиҳанд. Дар натиҷа афзоиши истеҳсолоти дохилӣ, рушди МУД ба ҳар сари аҳолӣ, коҳишёбии бекорӣ, яъне рушди иқтисодӣ ба назар мерасад. Лекин басташавии бозори дохилӣ барои дигар кишварҳои ҳамкор дар оянда метавонад оқибатҳои манфӣ оварда расонад. Саноати аз тарафи давлат дастгиришаванда бо соҳаҳои кишварҳои хориҷӣ қобилияти рақобатро аз медиҳад, дар натиҷа молҳои содиротӣ ба кишварҳои хориҷӣ коҳиш ёфта ба тавозуни пардохти мамлакат таъсири манфӣ мерасонад [23].

Дар солҳои 70-уми асри XX назарияи воридотивазкунии саноатӣ аз тарафи иқтисодчиёни мактаби неокейнсӣ, ба монанди Х.Чинери, А. Страут, Н. Картер, М. Бруно такомул дода шуд. “Модели аз тарафи онҳо пешниҳодгардидаи рушди иқтисодӣ бо ду намуди касрат (дефитсит) дар назар дорад, ки тараққиёти иқтисодии мамлакат дар иваз намудани сарчашмаҳои берунии молиягузорӣ ба дохилӣ асос гирифта, воридоти молҳо бо молҳои ватанӣ иваз карда мешавад. Худ воридотивазкунӣ ҳамчун самти афзалиятноки тараққиёти иқтисодӣ мушоҳида карда мешуд” [10; С.85-88]. Х. Чинери воридотивазкуниро ҳамчун тарзи ҳамгироии мамлакат ба низоми хоҷагидории ҷаҳонӣ барои рушди минбаъдаи иқтисодиёт мушоҳида карда мешуд, ки ба инкишофи бозори дохилӣ асос меёфт.

Натиҷаҳои манфии амалигардонии стратегияи воридотивазкунӣ кишварҳо маҷбур намуданд, ки ба стратегияи алтернативӣ – ҳавасмандагрдонии содирот гузаранд. Мантиқи чунин гузариш дар он дастгирии афзалиятнок ва ҳифзи як қатор соҳаҳо асос меёбад. Масалан, З. Окрут ва Ф.З. Мин зарурати сиёсати воридотивазкуниро барои афзоиши иқтидори саноатии давлат бо дарназардошти таъминоти минбаъда ба содирот маънидод мекарданд. Лекин, ҳангоми амалигардонии консепсияи мазкур дар бозорҳои беруна ва дараҷаи баланди озодшавии савдои беруна метавонанд ба бӯҳрони тамоми низоми иқтисодӣ оварда расонад.

Дар давраи муосир муносибати нав нисбат ба воридотивазкунӣ ташаккул ёфта истодааст. Ин муносибат пеш аз ҳама ба ҳамгироии мамлакат ба тақсимоти байналмилалии меҳнат дар асоси истеҳсолоти рақобатпазир такя мекунад [7; С. 18]. Барои коҳиш додани оқибатҳои манфӣ амалигардонии стратегияи воридотивазкунӣ ва стратегияи инкишофи содирот пешкаш карда мешавад. Яъне ҳавасмандгардонии содироти маҳсулоти он соҳаҳо афзалият пайдо мекунад, ки дар он афзалиятҳои муқоисавӣ вуҷуд дошта, татбиқи воридотивазкунӣ дар соҳаҳо амалӣ карда мешаванд, ки барои иқтисодиёти миллӣ нақши калидӣ доранд. Дар ин росто, воридотивазкунӣ коҳишёбӣ ва ё қатъ гардидани воридоти молҳоро ба воситаи инкишофи истеҳсолоти ватании маҳсулоти додашударо дар назар дорад. Чунин маънидодкунии воридотивазкунӣ хислати умумӣ дошта, аз тарафи давлат татбиқи стратегияи махсуси иқтисодиро дар назар дорад, ки баландшавии дараҷаи ҳимояи истеҳсолкунандагони миллӣ ва иваз намудани молҳои воридотиро бо молҳои ватанӣ дар назар дорад [10; С.

85-88]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки асоси воридотивазкунӣ афзоиши назарраси истеҳсолоти дохилӣ баромад мекунад. Бо вуҷуди ин чунин маънидодкунии воридотивазкунӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ нопурра мебошад. Дар адабиёти иқтисодии муосир маънидодкунии зиёди воридотивазкуниро мушоҳида кардан мумкин аст.

Шиносоӣ бо адабиёти гуногун оид ба маънидодкунии табиати воридотивазкунӣ имкон дод, ки ин категорияи иқтисодӣ аз нуқтаи назари маҳдуд ва васеъ муайян карда шавад. Бо маънои маҳдудаш, воридотивазкунӣ ҳамчун иваз намудани молҳои воридотӣ бо молҳои ватаниро дар назар дорад. Бо маънои васеъаш, воридотивазкунӣ ҳамгироии мамлакатро ба низоми байналмилалии тақсимоти меҳнат аз ҳисоби инкишофи истеҳсолоти рақобатпазир дар назар дорад. Бояд қайд намуд, ки ҳар ду маънидодкунӣ дар адабиёти иқтисодӣ ва амалия васеъ истифода мешаванд.

Дар корҳои илмии Е. Маслюкова ва О. Юткина маънидодкунии воридотивазкунӣ ҳамчун “сиёсати иқтисодӣ мушоҳида мекунанд, ки барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти низоми иҷтимоӣ-иқтисодии кишварҳо ба воситаи дар бозори дохилӣ иваз намудани маҳсулоти хориҷӣ бо маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ равона карда шудааст” [12; С. 27].

Нисбат ба ин олмион, Е. Волкодавова қайд мекунад, ки воридотивзакунӣ ин “модели ҳамгироии мамлакат ба низоми алоқаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ, ки ба рушди иқтисодӣ равона карда шудааст” [7; С. 281].

Нисбат ба ин олимон О. Старовойтова гумон дорад, ки воридотивазкунӣ ин “қисми сиёсати протексионистӣ мебошад, ки ба дискриминатсияи воридот равона нашуда, балки барои ҳавасмандгардонии истеҳсолот ва истеҳсолкунандаи ватанӣ бо мақсади коҳиш додани ҳаҷми воридот аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, дастарии худтаъминкунӣ ва равона сохтани талаботи истеъмолкунандаи миллӣ ба молҳои худӣ мебошад” [13; С. 17]. Ба андешаи О. Старовойтова, воридотивазкунӣ бояд дар навбати аввал барои инкишофи истеҳсолоти дохилӣ равона карда шавад. Маълум аст, ки давлат бо истифода аз механизмҳои ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони ватанӣ, ба бозори буруна бо маҳсулоти рақобатпазир имконияти иштирокро дорад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки воридотивазкуниро ҳамчун вишанги ҳамроҳшавии мамлакат ба низоми муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

Маънидодкуниҳои дар боло овардашуда, имкон медиҳанд, хулоса намоем, ки натиҷаи татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ пеш аз ҳама дохилшавии мамлакат ба низоми алоқаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ баромад мекунад. Дар чунин вазъият баромадан ба бозорҳои беруна бо маҳсулоти рақобатпазир ба давлат имкон фароҳам меоварад, ки аз иштирок дар тақсимоти байналмилалии меҳнат тамоми афзалиятҳоро соҳиб гардад. Дар чунин ҳолат стратегияи воридотивазкунӣ ҳамчун тарзи ҳамроҳшавии фаъолноки кишвар ба занҷираҳои истеҳсолоти байналмилалӣ мушоҳида карда шавад. Дар ин росто А. Абелян, Н. Иванова ва Е. Рудик пешниҳод мекунанд, ки дар шароити густариши ҷараёни ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ, мақсади асосии сиёсати иқтисодӣ ин тараққиёти ба содирот нигаронидашуда баромад мекунад, ки ба ҳамгироии ҳадди аксар ба низоми тақсимоти байналмилалии меҳнат, барои истеҳсоли маҳсулоти нисбатан рақобатпазир мусоидат менамояд [1; С. 116]. Бо баробари ин вазифаи асосии воридотивазкунандаро ин муаллифон дар “коҳиш додани воридоти ғайримустақим, воридотғунҷоиши ММД ва содирот мебинанд” [1; С. 116]. Яъне мутобиқи афкори олимони қайдшуда, воридотивазкунӣ барои афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти дохилии маҳсулоти рақобатпазир бо дарназардошти баромад ба бозори берунаи фурӯш дарк карда мешавад.

Ба ақидаи И. Воротников ва И. Суханова, воридотивазкунӣ ин “намуди махсуси на танҳо стратегияи иқтисодӣ, инчунин сиёсати саноатӣ, инноватсионӣ, илмӣ-техникии давлат ба ҳисоб меравад, ки барои иваз намудани воридот бо молҳои ватанӣ, таҷдиди истеҳсолот ва таъминоти бозори дохилӣ бо молҳои истеҳсолоти ватанӣ мебошад” [8; С.

18]. Маълум мегардад, ки муаллифони қайд гардида диққати асосиро ба дурнамои баромадан ба бозорҳои беруна ва амалигардонии сиёсати содиротӣ, зоҳир менамоянд.

Н. Сучкова гумон дорад, ки воридотивазкунӣ "намуди махсуси стратегияи иқтисодӣ ва сиёсати саноатии давлатро ифода мекунад, ки барои иваз намудани воридот дар бозори дохилии молҳои саноатӣ бо молҳои саноатии истеҳсоли ватанӣ мебошад". Ҳамзамон аз тарафи ин муаллиф қайд карда мешавад, ки "воридотивазкунӣ ин чараёни нақшавии таъминоти бозори дохилӣ дар асоси инкишофи истеҳсолоти ватанӣ мебошад" [15; С. 23].

Маънидодкунии воридотивазкунӣ ҳамчун чараёни коҳишёбии воридоти маҳсулот аз хрича ва ё пурра қатъ гардонидани он дар асоси афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти дохилӣ дар адабиёти иқтисодӣ ва нашрияҳои илмӣ хеле маъмул аст. Вобаста ба ин А. Макаров воридотивазкуниро ҳамчун "маҷмӯи чораҳо оид ба таъмини ҳадафҳои банақшагирифташуда минтақаҳо оид ба ҳаҷм ва сохтори истеҳсолоти ватанӣ дар ҳолати коҳиш додани истеъмоли молҳои воридтӣ мушоҳида менамояд" [11; С. 90]. Дар ин ҷо албатта зарурати баланд намудани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавӣ ва миллӣ ҳангоми татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ ба назар гирифта мешавад.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки аксарияти олимон-иқтисодчиён ҳангоми муайян намудани табиати воридотивазкунӣ диққати асосиро ба зарурати иваз намудани молҳои воридотӣ ба ватанӣ зоҳир менамоянд. Бо баробари ин молҳои истеҳсоли ватанӣ бояд дорои хислатҳои баланди истеъмолӣ нисбат ба молҳои воридотӣ дошта бошанд. Дар ин ҷода муносибати комплексӣ ба таҷдиди истеҳсолоти миллӣ муқаррар карда мешавад.

Чунин хислатҳоро ба инобат гирифта Алиджанов Д.А. чунин қайд мекунад, ки "воридотивазкунӣ афзоиши шуморавӣ ва такмили сифатии барориши умумиро дар назар дорад, ки молҳои воридотиро аз сабаби дар сатҳи баланди рақобатпазирӣ ташкил намудани истеҳсолоти ватанӣ ба воситаи таҷдиди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти молҳои инвеститсионӣ (ашёи хом ва масолеҳ) дар истеъмолот коҳиш медиҳанд" [2; С. 35].

Дар корҳои илмии Алиджанов Д.А. воридотивазкунӣ ҳамчун категория, ҳамчун ҷараён ва ҳамчун сиёсати иқтисодии давлатӣ мариди таҳқиқ қарор дода шудааст. "Воридотивазкунӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ низоми муносибатҳои иқтисодиро ифода мекунад, ки ба иваз намудани молҳои воридотӣ баҳри манфиатҳои ҳавасмандагрдонии рушди иқтисодӣ ва дигаргунсозиҳои сохторӣ мувофиқи қонуниятҳои инкишофи тақсимоти байналхалқии меҳнат ва принсипҳои рақобатпазирӣ ва самаранокии иқтисодӣ равона карда шудааст. Воридотивазкунӣ ҳамчун ҷараёни иқтисодӣ, ҷараёни объективии афзоиши истеҳсолот, истеъмолот ва содироти минбаъдаи молҳо ва хизматҳои ватаниро дар ҳолати кам намудани истеъмоли молҳои воридотӣ ифода карда, бо сатҳи баланди рақобатпазирӣ ва самаранокии иқтисодӣ нисбат ба молҳои воридотӣ муайян карда мешавад. Воридотивазкунӣ ҳамчун сиёсати иқтисодии давлат, сиёсати асосноки дарозмуддати давлатиро оид ба оптимизатсияи ҳаҷми воридоти молҳо ба воситаи ҳавасмандагрдонии тараққӣ додани молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва танзими ғайримустақими воридот бо истифода аз фишангҳои протексионистӣ дар назар дорад" [3; С. 104-111].

Нисбат ба олимони дар боло қайд кардашуда, М. Энеев дар таҳқиқотҳои худ воридотивазкуниро "ҳамчун ифодаёбии маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ (пеш аз ҳама муносибатҳои истеҳсолӣ) байни давлат ҳамчун субъекти хоҷагидорӣ ва институти асосии ҷамъиятӣ, бизнеси хусусӣ ва аҳолӣ ҳамчун истеъмолкунанда оид ба таҷдиди якҷояи истеҳсолоти миллӣ бо мақсади иваз намудани маҳсулоти воридотӣ бо маҳсулоти ватанӣ" [16; С. 9] мушоҳида мекунад.

Дар адабиёти иқтисодӣ муносибатҳоро дарёфт кардан мумкин аст, ки мутобиқи он дар асоси воридотивазкунӣ дар навбати аввал катъгардӣ ва ё маҳдудкунии воридоти

молҳои аз хориҷа меистад. Масалан, Э. Баранов, Н.Волкова ва А. Лобзова воридотивазкуниро ҳамчун "ҷараёни коҳишёбӣ ва ё қатъгардонии воридоти молҳои алоҳида ва иваз намудани онҳо дар бозори дохилӣ бо молҳои монанд" [4; С. 8] маънидод мекунанд. Яъне дар ин ҷо сухан оид ба маҳдудкунии воридот бо мақсади афзоиши истеҳсолоти миллӣ дар ҳаҷми зарурӣ меравад.

Чунин ақидаро як қатор тадқиқотчиён низ дастгирӣ менамоянд. Дар ин ҷода Г.Идрисов, П. Кадочников, С. Синелников-Мурилев дар таҳқиқоти худ воридотивазкуниро ҳамчун "афзоиши истеҳсолот ва истеъмоли молҳои ватаниро дар ҳолати коҳишёбии истеъмоли молҳои воридотӣ бо ифодаёбии шайъӣ" [9] муайян мекунанд.

Барои муайян намудани табиати категорияи воридотивазкунӣ О.Березинская ва А.Ведев муносибати васеътарро истифода мебаранд. Ба андешаи онҳо, воридотивазкунӣ "ин ҷараёни пай дар пайи коҳиш додани воридоти ашё, масолеҳ, маҳсулотҳои харидорӣ дар сатҳи нисбатан поёнии истеҳсолот мебошад" [5; С. 114].

Таҳқиқоти гузаронидашуда собит менамояд, ки аксарияи муаллифон тарафдори ақидаанд, ки мутобқи он, воридотивазкунӣ бо худ ҷараёни тараққиёти истеҳсолоти дохилии рақобатпазирро бо мақсади иваз намудани маҳсулоти воридотӣ бо маҳсулоти ватанӣ дар назар дошта мешавад. Бо баробари ин ҳангоми ивазкунии воридот, фоиданокии он низ ба инобат гирифта мешавад. Ин хислати воридотивазкунӣ пеш аз ҳама ба маҳсулоти озуқаворӣ мансуб мебошад. Бо дарназардошти назарияи омилҳои истеҳсолот воридотивазкунӣ дар ҳолате фоиданок мегардад, ки агар барои итсеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридот захираҳои зарурӣ дар ҳаҷми кофӣ мавҷуд бошанд. Азбаски маҳсулоти озуқаворӣ ба категорияи маҳсулотҳои стратегӣ дохил мешавад, зеро аз рӯи истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ бехатарии иқтисодӣ ва миллӣ дар умум муайян карда мешаванд. Бинобар ҳамин воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ мувофиқи мақсад буда, метавонад мустаҳкамии иқтисодии кишварро боз ҳам пурзӯртар намояд.

Ҳангоми татбиқи воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ ҳамгироии мамлакат ба занҷираҳои глобалии истеҳсоли арзиши изофа шомил гардиданаш зарур арзёбӣ карда мешавад.

Воридотивазкунӣ дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ пеш аз ҳама стратегияи давлатии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодиро ифода мекунад, ки дастгирии молистеҳсолкунандагони озуқавориро дар ҳудуди мамлакат бо дарназардошти афзалиятҳои мутлақ ва нисбии минтақаҳо амалӣ мегардонад

Ҷоиз ба қайд аст, ки воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ пеш аз ҳама аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ бо дарназардошти мавҷудияти иқтидор ва шароитҳо имконпазир аст. Бо баробари ин самаранокии воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ танҳо дар ҳолате ба назар мерасад, ки агар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар дохилӣ кишвар барои иваз намудани ҳаҷми воридот кифоягӣ намуда, аз рӯи нарх ва сифат бо маҳсулоти воридотӣ рақобатпазир бошад. Дар чунин тавсири воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ рақобатпазирӣ аз рӯи нарх ва ғайринархӣ асосӣ баромад мекунад. Яъне ҳангоми татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ молистеҳсолкунандагони ватанӣ бо дарназардошти дастгирии давлатӣ метавонанд дар бозори ҷаҳонӣ на танҳо аз рӯи нарх, балки аз рӯи ғайринархӣ рақобатпазирии худро пурзӯртар гардонанд. Аз ин лиҳоз қайд кардан мумкин аст, ки воридотивазкунӣ қисми таркибии стратегияи баланд намудани рақобатпазирии соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ воридотивазкунанда барои пурзӯр намудани мавқеъи рақобатнокии молистеҳсолкунандагон дар бозори дохилӣ ва дар оянда дар бозори беруна такони мусбӣ мебахшад. Инчунин воридотивазкунанда, чӣ тавре, ки аз рӯи маъниддкуниҳои дар боло қайд шуда бармеояд нуқтаи ибтидоии инкишофи минбаъдаи соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Бинобар ҳамин дар сатҳи иқтисодиёти минтақавӣ воридотивазкуниро ҳамчун фишанги тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа маънидод кардан мумкин аст. Дар асоси таҳқиқи ақидаҳои мухталиф оид ба маънидодкунии воридотивазкунӣ, қайд намудан мумкин аст, ки воридотивазкунӣ новобаста ба намуди маҳсулот ташаккули пай дар пайи истеҳсолотро дар назар дорад, ки ба талаботи дохилӣ нигаронида шуда, мақсади асосии он инкишофи истеҳсолоти рақобатпазири ашёи хом, масолеҳ, маҳсулоти тайёр дар асоси дастовардҳои пешрафти илму техника мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Абелян, А.С., Иванова, Н.Е., Рудик, Е.В. Механизмы импортозамещения в политике модернизации российской экономики: практический инструментарий реализации // TRANSPORT BUSINESS IN RUSSIA. – 2014.– № 4.– С. 116.
2. Алиджанов Д.А. Импортозамещающий экономический рост в современных условиях Республики Таджикистан. Худжанд: Нури Маърифат, 2021. – 368с. С. 35.
3. Алиджанов Д.А. Таснифоти рушди иқтисодии воридотивазкунанда дар шароити муосир. // Номаи Донишгоҳ (силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ) ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров., Хуҷанд “Нури маърифат”, 2021, № 2 (57). С. 104-111.
4. Баранов Э.Ф., Волкова Н.Н., Лобзова А.Ф. Импортозамещение в динамике внешней торговли товарами в Российской Федерации. // Экономические науки. – 2013. – № 7 (104). – С. 8.
5. Березинская О., Ведев А. Производственная зависимость российской промышленности от импорта и механизм стратегического импортозамещения // Вопросы экономики. – 2015. – № 1. – С. 114.
6. Ватолкина, Н.Ш., Горбунова, Н.В. Импортозамещение: зарубежный опыт, инструменты и эффекты // Научно-технические ведомости Санкт-Петербургского государственного политехнического университета. Экономические науки. – 2015. – № 6 (233). – С. 30.
7. Волкодавова, Е.В. Реализация стратегии импортозамещения продукции на российских промышленных предприятиях / Е.В. Волкодавова // Экономические науки. – 2009. – № 12. – С. 281.
8. Воротников, И., Суханова, И. Совершенствовать механизмы импортозамещения аграрной продукции. // АПК: экономика, управление. – 2015. – № 4. – С. 18.
9. Идрисов Г.И., Кадочников П.А., Синельников-Мурылев С.Г. Импортозамещение в России в 1998-2007 годах // Научный вестник ИЭПП.ру. – 2010. – № 24. – Маълумоти электронӣ. – Реҷаи дастрасӣ: https://www.iep.ru/ru/publikatcii/publication/7234.html. (санаи муроҷиат: 31.05.2023).
10. Лявина, М.Ю. Импортозамещение: возникновение термина и его генезис // Аграрный научный журнал. – 2017. – № 6. – С. 85–88.
11. Макаров, А.Н. Импортозамещение как инструмент индустриализации экономики региона: инновационный аспект (на примере Нижегородской области // Инновации. – 2011. – № 5 (151). – С. 90.
12. Маслюкова, Е., Юткина, О. Ключевые аспекты реализации политики импортозамещения в современном экономическом пространстве // СХІД. – 2016. – № 1 (141). – С. 27.
13. Старовойтова, О.В. Импортозамещение в условиях малой открытой экономики: автореф. дисс. … канд. эконом. наук: 08.00.14. – Минск, 2011. – С. 17.
14. Суханова И.Ф., Лявина,М.Ю. Методологические подходы к исследованию категории исмопртозамещения // Аграрный научный журнал. – 2017. – № 6. – С. 94–96.
15. Сучкова, Н.А. Импортозамещение в продовольственном секторе России: автореф. дисс. … канд. эконом. наук: 08.00.14 Москва, 2009. – С. 23.
16. Энеева М.Н. Модернизация национального сельского хозяйства на основе импортозамещения: автореферат дисс. … докт. эконом. наук: 08.00.05. – Нальчик, 2015. – С. 9.
17. Baer, W. Import substitution and industrialization in Latin America: Experiences and interpretations / W. Baer. – Latin American Research Review, Vol. 7, No. 1, pp. 95-122.
18. List. F. The national system of political economy / F. List. – London: Longmans, Green, and Co. – 1909.
19. McCann, P. Industrial location economics / P. McCann. – Cheltenham. UK; Northhampton MA: Edward Elgar, 2002. – 372 p.

20. Myrdal, G. Economic Theory and Under-developed Regions / G. Myrdal. – London: Duckworth, 1957. – 167 p.
21. Prebisch, R. (1950). Theoretical and practical problems of economic growth / R. Prebish // United Nations Economic and Social Council, Economic Commission for Latin America, Fouth Session, Mexico, D.F., 28 May.
22. Sedova, N.V., Gagiev N.N., Melnikova D.M. Role of Agricultural Import Substitution Policy in Ensuring Food Safety of the Country / N.V. Sedova, N.N. Gagiev, D.M. Melnikova // European Research Studies Journal. Volume XX, Issue 2B, 2017, pp. 251-260.
23. Yilmazkuday, H. Export promotion vs. import substitution / H.Yilmazkuday.–Маводи электронӣ. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.academia.edu/1104964 (санаи муроҷиат: 15.05.2023).


REFERENCES


1. Abelyan, A.S., Ivanova, N.Or., Rudik, Or.S. Import substitution mechanisms in the modernization policy of the Russian economy: practical implementation tools // transport business in Russia. – 2014.– No. 4.- P. 116.
2. Alidzhanov D.A. Imported economy classes directly in agreed educational institutions. Khujand: The Light of Enlightenment, 2021. - 368s. P. 35.
3. Alidzhanov D.A. Classification of import-substituting economic development in modern conditions. // University Letter (series of Natural and Economic Sciences)DDR named Academician B.Gafurov., Khujand "the light of enlightenment", 2021, № 2 (57). Pp. 104-111.
4. Baranov E.F. Volkova N.N., Lobzova A.F. Import in the dynamics of foreign trade in Russia Federation. // Economic Sciences. – 2013. – № 7 (104). – P. 8.
5. Berezinskaya O. Vedev A. The dependence of Russian promotion on imports and the mechanism of strategic import substitution / / The advantages of the economy. – 2015. – No. 1. – P. 114.
6. Vatolkina, N.G., Gorbunova, N.S. Import Volkodavova, E.V. Implementation of the strategy of import substitution of products at Russian industrial enterprises / E.V. Volkodavova // Economic sciences. - 2009. – No. 12. – P. 281.
7. Vorotnikov, I., Sukhanova, I. To improve the mechanisms of import substitution of agricultural products. // Agro-industrial complex: economics, management. – 2015. – No. 4. – P. 18.
8. Idrisov G.I., Kadochnikov P.A., Sinelnikov-Murylev S.G. Import substitution in Russia in 1998-2007 // <url> Scientific Bulletin – 2010. – No. 24. – Mailumoti Electronic. –Rejai dastrasӣ: https://www.iep.ru/ru/publikatcii/publication/7234.html
9. Lyavina, M.Yu. Import substitution: the emergence of the term and its genesis // Agrarian Scientific Journal. – 2017. – No. 6. – pp. 85-88. 11. Makarov, A.N. Import substitution as an instrument of industrialization of the region's economy: an innovative aspect (on the example of the Nizhny Novgorod region // Innovation. – 2011. – № 5 (151). – P. 90. 12. Maslyukova, E., Yutkina, O. Key aspects of the implementation of the import policy
10. Makarov, A.N. Import substitution as an instrument of industrialization of the region's economy: an innovative aspect (on the example of the Nizhny Novgorod region // Innovations. – 2011. – № 5 (151). – P. 90.
11. Maslyukova, E., Yutkina, O. Key aspects of the implementation of import substitution policy in the modern economic space // SHID. – 2016. – № 1 (141). – P. 27.
12. Starovoitova, O.V. Import substitution in the conditions of small open economy: an abstract. diss. ... candidate of Economics. Sciences: 08.00.14. – Minsk, 2011. – P. 17.
13. Sukhanova I.F., Lyavina,M.Yu. Methodological approaches to the study of the category of import substitution // Agrarian Scientific Journal. – 2017. – No. 6. – pp. 94-96.
14. Suchkova, N.A. Import substitution in the food sector of Russia: autoref. diss. ... candidate of Economics. Sciences: 08.00.14 Moscow, 2009. – P. 23.
15. Baer, W. Import substitution and industrialization in Latin America: Experiences and interpretations / W. Baer. – Latin American Research Review, Vol. 7, No. 1, pp. 95-122.
16. List. F. The national system of political economy / F. List. – London: Longmans, Green, and Co. – 1909.
17. McCann, P. Industrial location economics / P. McCann. – Cheltenham. UK; Northhampton MA: Edward Elgar, 2002. – 372 p.
18. Myrdal, G. Economic Theory and Under-developed Regions / G. Myrdal. – London: Duckworth, 1957. – 167 p.

19. Prebisch, R. (1950). Theoretical and practical problems of economic growth / R. Prebish // United Nations Economic and Social Council, Economic Commission for Latin America, Fouth Session, Mexico, D.F., 28 May.
20. Sedova, N.V., Gagiev N.N., Melnikova D.M. Role of Agricultural Import Substitution Policy in Ensuring Food Safety of the Country / N.V. Sedova, N.N. Gagiev, D.M. Melnikova // European Research Studies Journal. Volume XX, Issue 2B, 2017, pp. 251-260.
21. Yilmazkuday, H. Export promotion vs. import substitution / H.Yilmazkuday.–Mavodi elektroni. – Rejai dastrasi: http://www.academia.edu/1104964 (sanai murojiat: 15.05.2023).